# ҚАРОРИ

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 11-уми марти соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзуи “Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур – Самандаров Искандар Ҳусейнович; тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; тақризи муқарризи расмӣ Умаров Ҳоҷамаҳмад – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромади муқарризи расмӣ Шоазизова Маҳбуба Дустмуродовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворий Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системаи рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: профессорон, доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ Қудратов Р.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, Пиризода Ҷ.С, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳматзода Ҳ.Б., дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзуи «Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳаммияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзуи «Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, професор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.